# ТАҚРИЗ

ба унвонҷӯй Миралиев Илҳом Раҳмоналиевич.

Таъмини аҳолӣ бо сабзавоти тару тоза, аз он ҷумла бодиринг дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон якхела набуда, андешидани чораҳои заруриро тақозо мекунад.

Зироати бодиринг растании гармидӯст буда, дар минтақаҳои водигӣ ҳосилнокии баланду хушсифатро таъмин мекунад.

Аз таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ бар меояд, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, хусусан мавзеи Данғара, истеҳсоли ҳосили бодиринг нокифоя мебошад.

Хоку иқлими ноҳияи Данғара бо захираҳои бой табииаш барои парвариши ҳосили бодиринг хеле мувофиқ арзёбӣ меёбад.

Унвонҷӯй Миралиев И.Р., дар асоси омӯхтани адабиётҳо нисбати хусусиятҳои биологии бодиринг, натиҷаи таҳқиқотҳо дар ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, шароити табии мавзей Данғара, ба хулосае омад, ки дар ин ҷо парвариши ҳосили намунаҳои бодирингро дар кишти асосӣ (баҳорӣ) ва такрорӣ (тобистона) амалӣ гардонад. Дар асоси гуфтаҳои боло, Миралиев И.Р барномаи илми оид ба муайянкунии махсулнокӣ ва сифати ҳосили бодирингро дар заминҳои навобёришавандаи ноҳияи Данғара пешниҳод ва дар Шӯрои илмӣ тасдиқ кунонидааст.

Унвонҷӯй ҳосилнокии навъҳои маҳаллӣ, интродуксионӣ ва дурагаи бодирингро ва сифати ҳосилро бо роҳи гузаронидани таҷрибаи саҳрой омӯхт. Дар давраи гузаронидани таҷрибаҳои саҳрой бо хусусиятҳои обу ҳаво, хоки мавзеъ, растании зироати бодиринг, давраҳои парвариш ва самаранокии ҳосили онро аз худ кардааст.

Ҳамасола Миралиев И.Р., ҳисоботҳои давравӣ ва ҷамбастиро ба кафедраи меваю сабзавот ва токпарварӣ ва қисми илми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур пешниҳод намуд.

Аз натиҷаи таҳқиқотҳои илмиаш 8-то мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 5-то дар маҷалаҳои эътирофшудаи Коминсияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кунонида, дар семинару конфренсияҳо баромад кардааст. Ҳамин тариқ Миралиев И.Р., ба сатҳи корманди дониши мукаммал нисбати зироати бодиринг дошта расидааст.

Номбурда дар соҳаи сабзавотпарварӣ шавқи зиёд дошта, сол ба сол ба ин соҳа мароқ зоҳир намудааст, ки он сабабгори оғози корҳои илмӣ-таҳқиқотиаш шудааст.

Дар рафти иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва тартиб додани рисолаи номзадӣ дар солҳои 2020-2023 унвонҷӯй онро самаранок истифода бурда, чун

муҳаққиқи кунҷков, шавқманди корҳои илмӣ ва бо масъулият нишон дода, маҷмӯи вазифаҳои дар нақшаи кори бударо сариваққ иҷро намудааст.

Дар асоси таҳқиқотҳои илмиаш диссертатсияро дар мавзӯи «Маҳсулнокии навъҳои зироати бодиринг дар кишти асосию такрорӣ дар минтақаи Данғараи вилояти Хатлон», ба таъб расонид. Диссертатсия дар ҳаҷми 124 саҳифаи чопи компютерӣ буда, аз муқаддима ва 3 боб иборат мебошад. Мавзӯи интихоб намудаи Миралиев И.Р. муҳим, актуалӣ ва сариваққтӣ буда, дорои аҳамиятнокии илмӣ-истеҳсолии минтақа мебошад.

Диссертатсия ва афтореферати унвонҷӯй ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва Миралиев И.Р., арзандаи унвони номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-зироаткирии умумӣ, растанипарварӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ: Академики АИКТ, д.и.к.,
профессори кафедраи меваю сабзавот
ва токпарварии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Ахмедов Т.А.

Имзои Ахмедов Т.А.-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.

25-09-2023